**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи давлатии
Данғара д.и.и., профессор
____________ Хайрзода Ш.Қ.
«__30__» ____4______с.2024

# ХУЛОСАИ

**ҷаласаи якҷояи кафедраҳои фанҳои гуманитарӣ ва таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Данғара ба диссертатсияи Тиллозода Анваршо Абдулҳақ дар мавзуи «Ҳаёти иқтисодӣ–иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ.**

Диссертатсияи Тиллозода Анваршо Абдулҳақ дар мавзуи «Ҳаёти иқтисодӣ–иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ дар кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Данғара иҷро шуда, дар ҷаласаи якҷояи кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Данғара аз 29 апрели соли 2024, протоколи №9 баррасӣ шудааст.

Дар муҳокима 23 нафар аъзоёни кафедраи таърихи умумӣ ва кафедраи фанҳои гуманитарӣ, ки аз онҳо 1 нафар доктори илм, 6 нафар номзадҳои илм, 10 нафар саромӯзгорон 6 нафар ассистентҳо, инчунин мутахассисон аз Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ – Ғафуров А.М., Мирзоев Ҷ.А. ва аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Расулиён Қ. иштирок доштанд.

Имтиҳонҳои номзадӣ аз фанҳои “Таърих ва фалсафаи илм” ва “Забони англисӣ” ва “Таърихи ватанӣ” тибқи нақшаи таълимии шуъбаи омода намудани кадрҳои илмӣ ва илмиву педагогии Донишгоҳи давлатии Данғара ва Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ супорида шудааст. Ба довталаби дараҷаи илмӣ Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳони номзадӣ аз тарафи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 24-уми апрели соли 2024, №1179 дода шудааст.

Роҳбари илмии Тиллозода А.А. номзади илмҳои таърих Муллоҷонов Асадулло Кучакович - сардори раёсати таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошад.

Мавзуи диссертатсия ва ризояти роҳбари илмии унвонҷӯ дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии Данғара аз 24 апрели соли 2017, таҳти №8 тасдиқ гардидааст.

**Баҳо ба рисолаи унвонҷӯ.** Таҳқиқот ба ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI бахшида шудааст.

Муаллиф мубрам будани мавзуро чунин асоснок менамояд, ки Тоҷикистони Шуравӣ аз нимаи дуюми солҳои 80-уми асри XX сар карда, ба ҷараёни бозсозӣ ворид шуд, ки дар натиҷаи он мамлакат роҳи нави самти сиёсӣ ва муносибатҳои бозориро пеш гирифт. Бозсозӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ мушкилоти мавҷудаи муносибатҳои миллиро ошкор ва ҳаркатҳои сиёсиро дар бештари ҷумҳуриҳо, хусусан Тоҷикистон ба вуҷуд овард.

Баъд аз пош хӯрдани давлати Шуравӣ ва соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи иҷтимоиву сиёсии кишвар тағйир ёфта, бӯҳрони амиқи сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодӣ сар зад, ки ин бӯҳрон дар кишвар мушкилотҳои зиёди фарҳангиву маънавӣ ва сиёсиву амниятиро ба бор овард. Мухолифати байни гурӯҳҳои сиёсӣ сабаби шиддат гирифтани вазъи буҳронӣ гардида, ба вазъи иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа таъсири манфӣ расонд.

Моҳиятан, истиқлолият заминаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии эҳёи худшиносии миллӣ ва эъмори ҷомеаи миллиро фароҳам овард, аммо ҷанги шаҳрвандӣ ормонҳои таърихӣ ва умуман, рушди тамоми соҳаҳои хоҷагии халқро барои даҳсолаҳо ба қафо партофт. Ба хотири нишон додани равандҳои тағйирпазирии ҷомеаи Тоҷикистони Шуравӣ, заминаҳои истиқлолияти давлатӣ, ногузирии дигаргуншавии ҳаёти сиёсӣ ва ташаккули иқтисодиёти миллӣ анҷом додани таҳқиқоти муфассали илмӣ зарур аст.

Пажуҳиши мавзуи мазкур метавонад бархе аз паҳлуҳои норавшани ҳаводиси иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангии начандон дури таърихи Тоҷикистонро дар охири асри XX ошкор намояд. Баррасии дастовардҳои соҳаҳои муҳимми ҳаёти иҷимоӣ дар ҳамаи бахшҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, таҳқиқ ва баррасии норасогиву монеъаҳои ҷойдоштаи ҷомеаи Тоҷикистон, ки аҳаммияти муҳимми назариявию амалӣ ва тарбиявӣ доранд, мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

**Иштироки шахсии унвонҷӯй дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод кардааст**. Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти шахсии унвонҷӯ ба ҳисоб рафта, андешаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона баён ва иҷро шуда, дар он асос ва натиҷаи таҳқиқот инъикос ёфтааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот. Ҷиҳати баррасии масоили таҳқиқшаванда унвонҷӯ мақсад гузоштааст, ки** вазъи иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳуриро дар замони бозсозии Шуравӣ ва истиқлолияти давлатӣ, заминаҳои сиёсии дигаргуншавии сохтори идорӣ, низоми иқтисодӣ, таъсири ҷанги шаҳрвандӣ ба соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат ва рушди иқтисоди миллиро инъикос намояд.

Барои расидан ба ҳадафи таҳқиқот унвонҷӯ иҷрои **вазифаҳои зеринро** зарур **шумурдааст**:

- муайян ва баррасии ҳаёти сиёсии ҶШС Тоҷикистон дар солҳои бозсозии шуравӣ, нақши он дар бедории миллии тоҷикон ва паёмадҳои он дар ҳаёти мардуми кишвар;

- муайян намудан тағйирот дар ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии ҷумҳурӣ ва сабабҳои пастравии некуаҳволии халқ;

- омӯзиши вазъи иқтисодии мардуми Тоҷикистон дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ ва пойдор сохтани сулҳ дар солҳои 1991-2000;

- баррасии ҳаёти иҷтимоии мардум дар шароити бухрони шадиди сиёсиву иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ ва сабабҳову натиҷаҳои он;

- омӯзиши татбиқи стратегияҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастовардҳо дар соҳаи иқтисодӣ;

- омӯзиши сиёсати иҷтимоии Ҳукумати мамлакат дар таъмини некуаҳволӣ ва бехатарии озуқаворӣ дар Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқоти** ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва ибтидои асри XXI (1985-2016) ба ҳисоб меравад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** аз омӯзиш ва баррасии равандҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ дар даврони бозсозӣ ва давраи истиқлолияти Тоҷикистон (1985-2016) иборат аст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Ҳангоми омодасозии диссертатсия усулҳои гуногуни таҳқиқи маводҳои бойгонӣ, маводи ВАО ва асарҳои таърихӣ, пеш аз ҳама, омӯзиши асосу далелҳо, муқоисакунӣ, таҳлили таърихӣ-муқоисавӣ, тавсия, таҳлили системавӣ, хулосабарорӣ, назари интиқодӣ истифода шудаанд. Асосҳои методологии таҳқиқот принсипи материализми диалектикӣ ва объективияти илмӣ ҳамчун шарти асосии таърихи муосир гардидаанд. Методологияи таҳқиқот ба дастовардҳои таърихшиносони муосири ватанӣ ва хориҷӣ ва инчунин, асарҳои махсус оид ба таърихи иқтисодиёт ва саноат асос ёфтааст. Дар таҳлили маводҳо методҳои мухталифи илмӣ, аз ҷумла методҳои таърихӣ, муқоисавӣ, тарҷеӣ, методи мушоҳидаи умумӣ ва интихобӣ, методи оморӣ, ки объективияти таҳқиқоти мазкурро таъмин намудаанд, истифода шуданд. Дар доираи принсипи объективияти таҳқиқот хусусиятҳои таҳлилӣ мушаххас гардида, ҳаводиси таърихӣ воқеъбинона инъикос гардиданд.

**Навгонии рисолаи илмии Тиллозода А.А.** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар шакли маҷмуӣ таҳқиқикоти диссертатсионӣ оид ба "Ҳаёти иқтисодӣ–иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI" анҷом ёфтааст. Дар таҳқиқот тамоми марҳилаи соҳибистиқлолӣ дар самти рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ба таври объективӣ, бо назардошти омилҳо, падидаҳо ва равандҳои мусбату манфӣ бо ҷанбаҳои махсуси рушди таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасниф карда шудааст. Аз тарафи муаллиф бо назардошти қобили қабул будан хулосаҳои мушаххас

барои ҳалли масъалаҳои ҷойдоштаи иҷтимоиву иқтисодӣ ва рушди фаъолияти корхонаҳои саноатӣ пешниҳод гардидааст.

***Аҳаммияти назариявӣ ва амамлии таҳқиқот*** дар он зоҳир мегардад, ки маводҳои онро метавон дар гузаронидани таҳқиқотҳои махсуси ҷамъбастӣ оид ба таърих ва таърихнигории халқи тоҷик истифода намуд. Инчунин, маводҳои диссертатсияро метавон дар таълифи китобҳои дарсӣ ва маҷмуаҳои илмӣ барои муассисаҳои таълимии олӣ истифода кард. Маводҳо ва хулосаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳияи консепсияи рушди иқтисодӣ, пеш аз ҳама, рушди иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити истиқлолият, эҷоди асарҳои маҷмуавӣ оид ба таърихи халқи тоҷик, таърихи иқтисодиёти миллӣ, инчунин, хондани курсҳои махсус ва таълими таърихи халқи тоҷик ба донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ, корҳои илмию таҳқиқотии аспирантону докторантҳо истифода шаванд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсиониро** дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқот, коркарди натиҷаҳои таҳқиқотӣ ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоисаи илмию амалӣ, инчунин, таҳлили сарчашмашиносӣ ва интиқодӣ-илмӣ таъмин менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Тиллозода А.А. дар мавзуи «Ҳаёти иқтисодӣ–иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI» ба шиносномаи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар таҳлил ва баррасии масоили сиёсӣ ва коҳиш ёфтани иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар замони бозсозӣ, вазъи иқтисодии ҷумҳурӣ дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ, сабабҳо ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ, инчунин таҳқиқи ҳаёти иҷтимоӣ, стратегияҳои давлатӣ ва сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурӣ оид ба некуаҳволии мардум ифода меёбад. Натиҷаҳои илмӣ, таҳлилу таҳқиқоти муаллиф, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда бевосита аз ҷониби худи ӯ мустақилона таҳия ва баррасӣ шудаанд.

Пуррагии маълумоти рисолаи илмӣ дар маводҳои нашршуда таҷассум ёфтааст. Натиҷаҳои асосии корҳои таҳқиқотӣ дар диссертатсияи мазкур ҷамъбаст шудаанд. Қисмҳои алоҳидаи кори таҳқиқотӣ дар мақолаҳои илмие, ки солҳои 2018 - 2024 навишта шуда, аз чоп баромаданд, инъикос ёфтаанд.

Ҳолатҳои асосҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда дар 7 маърӯзаву маводҳои конфронсӣ ва 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳое, ки аз тарафи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, ба нашр расидаанд. Дар ин мақолаҳо андеша ва таҳлилҳои илмии муаллиф роҷеъ ба ҳаёти иқтисодӣ–

иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI нишон дода шудаанд.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1-М]. Тиллоев А.А. Пайдоиш ва инкишофи саноат дар Тоҷикистон / А.А. Тиллоев, А.К. Муллоҷонов // Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон, 2018, №7. – С. 35-38. ISSN 2074-1847.

[2-М]. Тиллоев А.А. Рушди саноат дар Тоҷикистон дар давраи солҳои 1970-1991 / А. Тиллоев // Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон, 2018, №9. – С. 132-135. ISSN 2074-1847.

[3-М]. Тиллоев А.А. Заминаҳои пайдоиш ва рушди саноат дар Тоҷикистон / А.К. Муллоҷонов, А. Тиллоев // Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон 2019, №6. – С. 100-104. ISSN 2074-1847.

[4-М]. Тиллозода А.А. Сиёсати “Дарҳои кушод” ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Тоҷикистон / А.А.Тиллозода // Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон, 2020, №6 – С. 51-55. ISSN 2074-1847.

[5-М]. Тиллозода А.А. Буҳрони иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: сабабҳо ва омилҳо / А.А. Тиллозода // Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон, 2021, №2. – С. 46-52. ISSN 2074-1847.

[6-М]. Тиллозода А.А. Хусусиятҳои ислоҳоти аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.А Тиллозода // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 2021, №2 (014).– С. 234-239. ISSN 2076-2569.

### Мақолаҳои дар дигар маҷмуаҳои илмӣ, маҷаллаҳо ва маводҳои конференсиявӣ ба табъръасида:

[7-М]. Саидзода Д., Тиллоев А.А. Элитаи сиёсӣ: роҳҳо ва воситаҳои асосии ташаккул ва рушд // Маводи конференсияи умумидонишгоҳии илмию амалии ҳайати профессорону омӯзгорон ва аспирантону донишҷӯён бахшида ба “20-солагии Ваҳдати миллӣ” (Донишгоҳи давалтии Данғара 17-22 апрели соли 2017). – Данғара, 2018. – С. 204-207.

[8-М]. Тиллоев А.А. Инкишофи саноаткунонӣ дар Тоҷикистони муосир. // Маводи конференсияи умумидонишгоҳии илмию амалии ҳайати профессорону омӯзгорон ва аспирантону донишҷӯён бахшида ба “20-солагии Ваҳдати миллӣ” (Донишгоҳи давлатии Данғара 17-22 апрели соли 2017). – Данғара, 2018. – С. 211-214.

[9-М]. Тиллоев А.А., Саноати Тоҷикистон дар солҳои 2011-2015 ва нақши Пешвои миллат дар рушди он // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди устувории инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Донишгоҳи давлатии Данғара 11-12 майи соли 2018). – Данғара, 2018. – С. 171-175.

[10-М]. Тиллозода А.А. Бӯҳрони иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: Сабабҳо ва омилҳо (дар солҳои 1980-1990) // Сиёсат, давлат ва ҳуқуқ, Донишгоҳи давлатии Данғара, №4 (04). – Данғара, 2021. – С. 121-131. ISSN 2789-8636.

[11-М]. Тиллозода А.А. Дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бар мабнои сиёсати "дарҳои кушод" // Мақолоти таърихӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ. – Душанбе: Шоҳин-С, 2022. – С. 102-119.

[12-М]. Тиллозода А.А. Иқтидори сайёҳии Тоҷикистон дар бозори байналмилалии туристӣ дар давраи кунунӣ // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Нақш ва мақоми соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Донишгоҳи давлатии Данғара 30-юми декабри соли 2023). – С.190-195.

[13]. Тиллозода А.А. Нақши Пешвои миллат Эмомали Раҳмон дар рушди саноат дар шароити муосири Тоҷикистон // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 30-солагии таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли 2024 "Соли маърифати ҳуқуқӣ". 16-17 майи соли 2024, ш. Кӯлоб. – С.499-503.

Диссертатсияи баррасишуда кори илмии мустақилона анҷомдодаи муаллиф буда, дар асоси меъёрҳои таҳияи диссертатсия омода гардидааст.

Бобҳои диссертатсия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ шуда, баррасию таҳқиқи он дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Хулосаҳои диссертант илмӣ буда, ба талабот оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати Комисияи олии аттестатсиёнии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Ҷаласаи якҷояи кафедраҳои таърихи умумӣ ва фанҳои гуманитарии факултети идоракунии давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давалтии Данғара чунин:

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи унвонҷӯ Тиллозода А.А. дар мавзуи «Ҳаёти иқтисодӣ–иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ ҳамчун кори илмӣ-тахассусӣ иҷро

гардида, ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи унвонҷӯ Тиллозода А.А. дар мавзуи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии мувофиқ ба ихтисос тавсия карда мешавад.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси якҷояи кафедраҳои фанҳои гуманитарӣ ва таърихи умумии факултети идоракунии давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара қабул гардид

Дар ҷаласа 23 нафар иштирок намуанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

«Тарафдор» - 23 нафар;

«Зид» - нест;

«Бетараф» - нест.

Қарор якдилона қабул гардид. Протоколи №9 аз 29-уми апрели соли 2024.

**Раиси ҷаласа:**

Н.и.т., мудири кафедраи таърихи
умумии Донишгоҳи давлатии Данғара Алишери А.

**Котиби ҷаласа:**

Муаллими калони кафедраи таърихи
умумии Донишгоҳи давлатии Данғара Таваров Ф.Ф.

Имзои Алишери А. ва Таваров Ф.Ф. –ро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.
30.04.2024

**Нишонӣ:** 735320, ш.-ки Данғара, кӯчаи Марказӣ- 25.
Донишгоҳи давлатии Данғара
Тел.: (+992) 8331222842; Сомона: http:// www.dnu.tj
**Почтаи электронӣ:** E-mail: dddangara_2013@mail.ru